**ТАҚРИЗ**

ба диссертатсияи номзадии Шарипов Қаҳрамон Баҳромович дар мавзуи "Асосҳои методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ (таҳсилоти касбӣ).

Дар диссертатсияи номзадии Шарипов Қ.Б. масъалаи асосҳои методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ ҳамчун ҳадафи таҳқиқ қарор дода шудааст. Ин мавзуъ дар педагогикаи муосир масъалаи муҳим маҳсуб меёбад ва ба сифати мавзуи рисолаи илмӣ дуруст интихоб шудааст, зеро дар педагогикаи тоҷик проблемаи арзёбии натиҷаҳои таълим дар шакли як рисолаи илмии яклухт ва ҷамъбастӣ то ҳанӯз рӯйи кор наомадааст. Муҳаққиқони ватанӣ баъзан зимни баррасии масоили дигар ба баъзе шаклу навъҳои баҳодиҳӣ ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагону донишҷӯён рӯ овардаанд, вале ҳалли масоили арзёбиро бевосита чун ҳадафи кори илмӣ-тадқиқотии худ қарор надодаанд. Бинобар ин, чун мавзуъ ва объекти тадқиқ интихоб гардидани асосҳои методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавии таҳсилот, воқеан, масъалаи мубрам маҳсуб меёбад.

Шарипов Қаҳрамон Баҳромович ҳангоми таҳсил дар факултети математикаи донишгоҳ (2006-2011) ва унвонҷӯ (2012-2023) аз шогирдони фаъол ва лоёқатманд ба шумор рафта, ба таҳқиқ ва баррасии ҷиҳатҳои методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Аз мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва мақолаҳои марбут ба мавзуи диссертатсияи илмии муаллиф пайдост, ки ӯ ба пажуҳиш бурдан муваффақ гашта ва кор бо сарчашмаву маъхазҳои илмиро дорад, дар робита ба масъалаву

вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда хулосаҳои дуруст ва воқеии илмиро пешниҳод карда тавонистааст. Диссертант зимни баррасӣ ва муайян намудани асосҳои методии арзёбии раванди омӯзишӣ методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ роҳҳои баланд бардоштани сифати таълимро пешниҳод карда, усулҳои муосири ташаккули маҳорату малакаи касбии донишҷӯёнро нишон дода, дар ташкили фаъолияти самарабахши арзёбии натиҷаҳои таълим саҳм гузоштааст.

Истифодаи шаклҳои гуногун ва методҳои фаъоли арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти донишгоҳҳои равияи омӯзгорӣ барои ба таври саҳеҳ ва шаффоф баҳодиҳӣ кардан ба фаъолияти таълимии ҳар як донишҷӯ ва ё гуруҳи донишҷӯён мусоидат карда метавонад. Аз ин лиҳоз, проблемаи арзёбии раванди омӯзишӣ методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ таҳқиқоти системавиро ташкил медиҳанд ва мувофиқан ба шаклҳо ва методҳои гуногуни муосири арзёбии натиҷаҳои таълим, ки ба болоравии сатҳи азхудкунӣ ва сифати таълим мусоидат мекунанд, равона шудааст.

Принсипҳои методологии дар ин таҳқиқот ифодаёфта барои дурусту саҳеҳ ва ба таври асоснок ташхис намудани натиҷаҳои фаъолияти педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ заминаи заруриро фароҳам меоваранд. Равишҳои назариявии дар таҳқиқот коркардшударо дар соҳаҳои педагогика, психология ва методикаи таълими математика мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Бо назардошти талаботи барномаи таълимӣ, барномаи кории фан, мазмуни китобҳои дарсӣ барои ихтисосҳои математикии донишгоҳҳои педагогӣ супоришҳои тестӣ, пурсиши шифоҳӣ ва кори санҷишӣ ба дониши донишҷӯён аз фанҳои мансуб ба сикли методика тартиб дода шуда барои истифода пешниҳод шудааст.

Унвонҷуй Шарипов Қ.Б. дар муқаддимаи дисертатсия ба таври боварибахш мақсади таҳқиқотро асоснок намуда, маводи методологии таҳқиқот, вазифа, метод, объект, мавзуъ, фарзия ва марҳила таҳқиқот мушаххас гузошта шудаанд ва дар раванди таҳқиқот ҳалли худро ёфтаанд. Раванди бадастории натиҷаи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, пойгоҳ, навгонии илмии, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот муайян карда шуданд. Натиҷаҳои бадастомада аҳамияти назариявию амалӣ дошта, барои омӯзгорон ва донишҷӯён (омӯзгорони оянда) тавсияҳои ва хулосаҳои диссертатсия бо шаклҳо ва методҳои гуногуни арзёбӣ ошно гардида, онҳоро дар амалияи фаъолияти омӯзгории худ ба таври васеъ истифода бурда метавонанд.

Сохтори илмии диссертатсия вобаста ба масъалаҳои гузошташуда мантиқан дуруст ва мақсаднок буда, бо пайдарҳамию системанокии мантиқан бо ҳам алоқаманд ба итмом расонида шудааст. Нуктаҳои илмии таҳқиқотро натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияю интишорот баёнгардида, асосҳои психологӣ-педагогии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ ва ташхису озмоишҳое, ки солҳои тӯлонӣ гузаронида шудаанд, фарзияи таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Аз натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ба дастоварда дар як зумра конференсияҳои илмию методии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аён мегардад, ки Шарипов Қ. Б. ҳангоми гузаронидаи таҳқиқот мустақилият зоҳир намуда, худро ҳамчун мутахассиси кордон, қобилиятнок ва донишманди соҳа, ки назария ва методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математикаи таҳсилоти олии педагогӣ хуб медонад, нишон додааст. Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ педагогии миёни омӯзгорон ва донишҷӯён гузаронидашуда ба асосноккунии шаклҳо ва методҳои гуногуни арзёбӣ дар муассисаҳои

олии педагогӣ аз фанҳои марбут ба методикаи таълими математика нигаронида шуда, мақсаднокии истифодаи онҳоро дар амалияи фаъолияти омӯзгорӣ нишон медиҳад.

Диссертатсияи Шарипов Қаҳрамон Бахромович дар мавзуи “Асосҳои методии арзёбии раванди омӯзиши методикаи таълими математика дар шароити низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ” кори илмӣ-тадқиқотии ба анҷомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ гузошташуда ҷавобгӯ аст ва муаллифи он ба гирифтани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ (таҳсилоти касбӣ) арзанда мебошад.

Узви вобастаи Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи таълими
математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ М. Нугмонов
06.05.2024
Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Ҳисор, 32, 20.
Тел.: 93-864-76-29.
Email: nugmonov@mail.ru

Имзои Мансур Нугмоновро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадр ва КМ-и
ДДОТ ба номи С. Айнӣ А. Мустафозода